ХУЛОСАИ

комиссияи ташхиси Шурои диссертатсионии 6D.КОА–004 назди Донишгохи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Тағойназарзода Амриддин дар мавзуи: «Асосҳои назариявии таҳқиқи соҳибкории давлатӣ ва бахши давлатӣ дар шароити муосир», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.01 – Назарияи иқтисодӣ (08.00.01.01 - Назарияи умумии иқтисодӣ (иқтисоди сиёсӣ)), пешниҳод шудааст.

Мавзуи диссертатсионии Тағойназарзода Амриддин «Асосҳои назариявии таҳқиқи соҳибкории давлатӣ ва бахши давлатӣ дар шароити муосир» тадқиқоти шахсии унвонҷӯ ба шумор меравад. Ақидаҳои илмӣ, коркарди назариявию-методологӣ, хулосаҳо ва пешниҳодҳо, ки нақши худро дар илми иқтисод мегузоранд, ба муаллифи диссертатсия дахл дорад. Ҳамаи корҳои иҷрогардида аз ҷониби муаллиф мустақилона амалӣ гардида, дар онҳо мазмуни асосӣ ва натиҷаҳои тадқиқот инъикос гардидааст.

Мубрамии мавзуи таҳқиқот. Дар шароити зудтағйирёбандаи иқтисоди ҷаҳон ва гузариш ба иқтисоди бозорӣ субъектҳои иқтисодиро дар давлатҳои пасошуравӣ куллан тағйир дод. Тағйироти баамаломада дар навбати аввал, дар дигаршудани муносибатҳои моликиятдорӣ ва пайдоиши шаклҳои нави хоҷагидорӣ дар рафти истифодабарии объектҳои моликият ба амал омадааст.

Соҳибкории давлатӣ шакли фаъолияти сармоягузорӣ, истеҳсолӣ, хизматрасонӣ ва ғайраро дар бар мегирад, ки дар баробари гирифтани даромад инчунин вазифаи беҳсозии бахши ҷамъиятиро низ доро мебошад. Дар адабиёти илмӣ мафҳуми соҳибкории давлатӣ аз ҷониби олимон омухта ва баррасӣ мегардад. Аммо, дар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии амалкунанда оид ба ин масъала ишора карда нашудааст. Давлат ҳамчун соҳибкор бевосита ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул набуда ба воситаи намояндаҳои худ ба фаъолияти иқтисодии фоидаовар машғул мебошад.

Аз ин лиҳоз, мукаммалгардонии институтсионалии корхонаҳои давлатӣ, мувофиқсозии қонунгузорӣ ва таҳкими механизми давлатии танзими иқтисодӣ барои рушд ва самаранокии соҳибкории давлатӣ шароити созгор фароҳам оварда метавонад.

Соҳибкории давлатӣ имкон фароҳам меоварад, ки давлат ба фаъолияти хоҷагидорӣ шомил гашта, лоиҳаҳои гуногуни самроягузориро амалӣ намуда дар якҷоягӣ бо бахши хусусӣ барои ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ- иҷтимоӣ, махсусан баланд бардоштани сатҳ ва сифати зиндагии аҳолӣ имкон пайдо намояд. Муҳимияти соҳибкории давлатӣ дар он зоҳир мегардад, ки

баробари гирифтани фоида, ҳамзамон масъалаҳои иҷтимоӣ-иқтисодии ҷомеаро низ ҳал менамояд.

Мақсади таҳқиқот таҳқиқи масъалаҳои назариявӣ ва институтсионалии ташаккул ва рушди соҳибкории давлатӣ, коркарди хулосаю пешниҳодҳо, муайянкунии омилҳои таъсиррасон ба рушди соҳибкории давлатӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ мебошад.

Вазифаҳои таҳқиқот. Расидан ба мақсади гузошташуда ҳалли масъалаҳо ва вазифаҳои зеринро тақозо менамояд:

– омӯзиши ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии соҳибкории давлатӣ ва пешниҳоди тавзеҳ ба мафҳуми соҳибкории давлатӣ;

– омӯзиш ва таҳлили равишҳои консептуалии шарикии бахши давлат ва хусусӣ дар шароити муосир;

– муайян намудани шакли иштироки давлат дар фаъолияти соҳибкорӣ;

– таҳлили вазъи муосири соҳибкории давлатӣ ва мавқеи он дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– муайян намудани нақши соҳибкории давлатӣ ва бахши хусусӣ дар таъмини рушди иқтисодӣ ва нишон додани хусусиятҳои фарқкунандаи соҳибкории давлатӣ ва бахши хусусӣ;

– муайян намудани самтҳои асосии такмили фаъолияти соҳибкории давлатӣ.

Объекти таҳқиқоти диссертатсионӣ соҳибкории давлатӣ ҳамчун фишанги танзими давлатии иқтисодӣ ва омили муҳими таъмини рушди иқтисодӣ мебошад.

Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ - ин маҷмуи муносибатҳои иқтисодие, мебошанд, ки дар раванди ташаккул ва рушди соҳибкории давлатӣ ба вуҷуд меоянд.

Фарзияи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он асос меёбад, ки соҳибкории давлатӣ ва афзун намудани мавқеи давлат дар истеҳсолоти ҷамъиятӣ ба афзоиши самаранокии истеҳсолот, муътадилии равандҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва рушди иқтисодии кишвар оварда мерасонад. Тавассути соҳибкории давлатӣ бахшҳо ва соҳаҳое фаъолияташон муътадил гардонида мешавад, ки барои бахши хусусӣ диққатҷалбкунанда нестанд. Аз ин рӯ, бо боварии комил метавон гуфт, ки соҳибкории давлатӣ барои рушди бахшҳои камсамар заминаи мусоиди рушдро фароҳам оварда метавонад.

Методҳои таҳқиқот. Бо мақсади ҳалли вазифаҳои гузошташуда ва таҳияи таклифҳои асоснок дар диссертатсия аз усулҳои индуксия ва дедуксия, таҳлилҳои синтезию оморӣ ва иқтисодӣ мавриди истифода қарор дода шудаанд.

Асосҳои назариявӣ ва методологии тадқиқотро пешниҳодҳои назариявию

тавсияҳои амалии илман асосноккардашударо оид ба рушди соҳибкории давлатӣ ҳамчун омили таъмини рушди иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаро гирифтааст. Дар ҷабҳаи назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ заминаҳои назариявии бахши давлатӣ, соҳибкории давлатӣ дар марҳилаи муосир асоснок карда шуданд, ҷанбаҳои консептуалии шарикии бахши давлатию хусусӣ таҳқиқ карда шуданд, нақш ва мақоми соҳибкории давлатӣ дар низоми иқтисоди бозорӣ баррасӣ гардидааст.

Сарчашмаи маълумотии таҳқиқот. Дар рафти таҳқиқот санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти рушди соҳибкории давлатӣ, паёмҳои солонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомали Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, барномаҳо ва Стратегияҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумоти омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати саноат ва технологияи нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи омори байнидавлатии ИДМ, маводи чопӣ ва электронии ВАО ва дигар маълумотҳои муаллиф, маводи илмии конфронсҳо истифода карда шудааст.

Давра ва пойгоҳи таҳқиқот. Кори илмӣ – таҳқиқотӣ дар кафедраи умумидонишгоҳии назарияи иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст. Давраи иҷрои кори диссертатсионӣ солҳои 2017-2024-ро дар бар мегирад.

Навгониҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар асосноккунии назариявӣ ва амалии соҳибкории давлатӣ ҳамчун мафҳуми иқтисодӣ зоҳир мегардад. Инчунин, дар таҳқиқи ҳамаҷонибаи масъалаҳои бо соҳибкории давлатӣ алоқамандбуда, самтҳои фаъолияти он ва ошкор намудани омилҳои асосии ба соҳибкории давлатӣ таъсиррасонанда зоҳир мегардад.

Дар диссертатсия натиҷаҳои зерини назариявӣ, методӣ ва амалӣ ба даст оварда шуданд, ки навгонии илмиро муайян мекунанд:

– дар асоси омӯзиши ҷанбаҳои назариявӣ, равишҳои консептуалии мавҷуда оид ба соҳибкории давлатӣ таърифи муаллифии соҳибкории давлатӣ пешниҳод карда шуд. Соҳибкории давлатӣ ҳамчун фаъолияти тиҷоратию истеҳсолии корхонаҳои давлатӣ, ҷамъиятҳои хоҷагидорӣ бо саҳми сармояи давлатӣ ба ҳисоб меравад, ки мақсад аз он натанҳо гирифтани фоидаи иқтисодӣ, балки иҷроиши вазифаҳои иқтисодӣ-иҷтимоии давлат дар самти истеҳсоли неъматҳои ҷамъиятӣ мебошад;

– дар асоси омӯзиш ва таҳлили масъалаҳои назариявӣ ва консептуалии соҳибкории давлатӣ шакли иштироки давлат дар соҳибкории давлатӣ муайян карда шуд: фаъолияти давлат ҳамчун соҳибкор тавассути иштирок дар идоракунии корхонаҳо, ташкили низоми таклифоти сармояи давлатӣ, шарикии бахши давлат ва хусусӣ дар амалисозии лоиҳаҳо ва тавассути

амалисозии низоми фармоишҳои давлатӣ муайян карда мешавад;

– вазъи муосири соҳибкории давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор дода шудааст. Натиҷаи таҳлили вазъи соҳибкории давлатӣ, фаъолияти корхонаҳои воҳиди давлатӣ ва ҷамъиятҳои саҳомии кушода бо ҳиссаи давлат нишон додааст, ки корхонаҳои давлатӣ, ки дар заминаи он соҳибкории давлатӣ амалӣ мегардад, хусусияти яккаҳукмронӣ доранд ва дар соҳаҳои муҳими иқтисоди миллӣ ташкил карда шудаанд. Инчунин, фаъолияти соҳибкории давлатӣ натанҳо дар соҳаҳое, ки аз назари бахши хусусӣ дур мондаанд, балки дар соҳаҳое ташкил карда шудааст, ки барои фаъолияти муътадили бахши хусусӣ мусоидат намекунад;

– шарикии бахши давлат ва хусусӣ ҳамчун бахши муҳими иштироки давлат дар лоиҳаҳои сармоягузорӣ, амалигардонии барномаҳои иҷтимоӣ муайян карда шуд. Нишон дода шуд, ки давлат дар шароити муосир дар ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ аз шарикии бахши давлат ва хусусӣ васеъ истифода менамояд. Ҷанбаҳои институтсионалӣ барои ташаккул ва рушди шарикии бахши давлат ва хусусӣ мукаммал карда шуда, самаранокии лоиҳаҳои ШБДХ асоснок карда шуд;

– исбот карда шуд, ки соҳибкории давлатӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ нақши назаррас дошта дар якҷоягӣ бо бахши хусусӣ дар таъмини рушди иқтисодӣ саҳмгузор мебошанд. Инчунин, дар кори диссертатсионӣ хусусиятҳои фарқкунандаи соҳибкории давлатӣ аз бахши хусусӣ муайян карда шудааст;

– самтҳои асосии такмили бахши давлатӣ ҳамчун омили рушди соҳибкории давлатӣ асоснок карда шуданд. Муайян карда шудааст, ки дар шароити муосир муҳимтарин самтҳои такмили соҳибкории давлатӣ вусъат бахшидан ба рушди шарикии давлат ва бахши хусусӣ, муайян намудани самтҳои афзалиятноки соҳибкории давлатӣ, инчунин такмили механизми танзими он маҳсуб меёбад. Дар асоси SWOT таҳлили фаъолияти соҳибкории давлатӣ бартариҳо, имкониятҳо, тарафҳои заиф ва хатарҳои соҳибкории давлатӣ ошкор карда шудааст.

Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:

- пешниҳоди таърифи муаллифии соҳибкории давлатӣ дар асоси омӯзиши ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии он;
- асосноккунии назариявии бахши давлатӣ дар марҳилаи муосир ва таърифи муаллифии бахши давлатӣ;
- таҳлили вазъи соҳибкории давлатӣ ва таҳқиқи ҷанбаҳои консептуалии шарикии бахши давлатию хусусӣ, арзёбии қисмати назариявӣ ва амалии он;

- дар асоси таҳлили масъалаҳои назариявӣ ва таҷрибаи ҷаҳонии бахши давлатӣ ва ташкили соҳибкории давлатӣ хусусиятҳои фарқкунандаи он пешниҳод карда шуд;
- нақши соҳибкории давлатӣ дар рушди иқтисодӣ муайян карда шуда, хусусиятҳои фарқкунандаи он аз бахши хусусӣ мушаххас карда шудааст;
- самтҳои асосии такмили бахши давлатӣ ҳамчун омили рушди соҳибкории давлатӣ асоснок карда шуданд.

Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот. Аҳамияти назариявии таҳқиқот пешниҳодҳои назариявию тавсияҳои амалии илман асосноккардашударо оид ба рушди соҳибкории давлатӣ ҳамчун омили таъмини рушди иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаро гирифтааст. Дар ҷабҳаи назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ заминаҳои назариявии бахши давлатӣ, соҳибкории давлатӣ дар марҳилаи муосир асоснок карда шуданд, ҷанбаҳои консептуалии шарикии бахши давлатию хусусӣ таҳқиқ карда шуданд, нақш ва мақоми соҳибкории давлатӣ дар низоми иқтисоди бозорӣ баррасӣ гардидааст.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот аз он иборат аст, ки маводҳо, хулоса ва тавсияҳои илмии пешниҳодгардида, аз ҷониби Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми таҳия ва татбиқи барномаҳои мусоидат ба рушди соҳибкории давлатӣ ҳамчун омили баланд бардоштани шуғли аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода шаванд. Натиҷаҳои таҳқиқот ба истифодаи мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ ва шаҳрӣ дар раванди таҳияи стратегияҳо ва барномаҳои рушди иҷтимоӣ - иқтисодӣ, муайян кардани самтҳои афзалиятноки рушди соҳибкории давлати, нигаронидашуда, истифода шуда метавонанд.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот. Муаллиф бо гузаронидани таҷрибаҳо, дақиқии маълумот, кифоягии ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот ва интишорот тасдиқ мегардад. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ манзур карда шудаанд..

Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба бандҳои зерини Шиносномаи феҳристи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.01 - Назарияи иқтисодӣ (08.00.01.01- Назарияи умумии иқтисодӣ (иқтисоди сиёсӣ)) мувофиқат мекунад: банди 1.1. Сохтор ва қонуниятҳои инкишофи муносибатҳои иқтисодӣ; моликият дар системаи муносибатҳои иқтисодӣ; манфиатҳои иқтисодӣ; давраҳои истеҳсолоти ҷамъиятӣ, сохторҳои моддӣ-шайъӣ ва арзишии он;

такроистеҳсоли сармояи ҷамъиятӣ ва инфиродӣ; шаклҳои иқтисодӣ, методҳои хоҷагидорӣ ва сохтори ниҳодӣ; таъсири равандҳои нави технологӣ ба равандҳои ташаккул ва фаъолияти сохторҳои иқтисодӣ ва ниҳодҳо; нақш ва вазифаи давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар амалкарди системаҳои иқтисодӣ; назарияи бахши хусусӣ дар иқтисодиёт; 1.2. Назарияи микроиқтисод: назарияи тақозои истеъмолӣ; назарияи фирма; назарияи ташкилии бозорҳо; назарияи рақобат ва танзими зиддиинҳисорӣ; назарияи мувозинати умумии иқтисодӣ; назарияи иқтисодиёти некуаҳволӣ; алоқамандии некуаҳволии инфиродӣ ва ҷамъиятӣ. 1.4. Назарияи иқтисодии ниҳодӣ ва таҳаввулотӣ: назарияи ҳуқуқи моликият; назарияи хароҷотҳои транзаксионӣ; назарияи ниҳодии фирма; назарияи иқтисодиёти гузаранда ва дигаргуншавии (трансформатсия) системаҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ; интихоби иҷтимоӣ-иқтисодӣ.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот. Ҳамаи даврaҳо ҷиҳати иҷрои нақшаи кории илмӣ: аз ҷумла интихоб ва таҳияи мавзуъ, асосноккунӣ ва мубрамияти он, мақсади гузошташуда ва нақшаи кории иҷрои вазифаҳои он бо иштироки бевоситаи муаллиф гузаронида шудааст. Саҳми шахсии довталаб дар ошкор намудани роҳҳои баланд бардоштани шуғли аҳолӣ аз ҳисоби соҳибкории давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, такмили самтҳои асосии фаъолияти соҳибкории давлатӣ ва бехтарсозии фазои сармоягузорӣ ҳамчун омили рушди соҳибкории давлатӣ зоҳир мегардад. Натиҷаҳои таҳқиқот дар шакли хулоса ва пешниҳодҳо дар мақолаҳои илмии муаллиф пешниҳод гардидааст.

Мутобиқи Низомномаи шурои диссертатсионӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, ба роҳбарӣ гирифта, комиссия пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Тағойназарзода Амриддин «Асосҳои назариявии таҳқиқи соҳибкории давлатӣ ва бахши давлатӣ дар шароити муосир» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.01 – Назарияи иқтисодӣ (08.00.01.01 – Назарияи умумии иқтисодӣ (иқтисоди сиёсӣ)) ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-004 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ аз рӯйи диссертатсия шахсони зерин таъин карда шаванд:

- Ҷумъаев Баҳовидин Маҳмадназарович - доктори илмҳои иқтисодӣ, и.в. профессори кафедраи иқтисодиёти ҷаҳони Муассисаи давлатии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон;

- Убайдуллозода Файзулло Убайдулло – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент мудири кафедраи молияи ДДМИТ;

Ба ҳайси муассисаи пешбар ба диссертатсия **Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон** таъин карда шавад.

4. Барои нашри эълон оид ба ҳимояи минбаъда ва ҷойгир намудани автореферат дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

Раиси комиссия:
Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
аъзои шурои диссертатсионӣ Қодирзода Д.Б.

Аъзоёни комиссия:
Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
аъзои шурои диссертатсионӣ Шерова Н.Д.

Номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
котиби шурои диссертатсионӣ Гулов Ш.М.

3.10.2025 с.